

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№26 (4922)

ЧОРШАНБЕ,
26 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991
чоп мешавад

www.sadoimardum.tj



## ҶАЛАСАИ ШУРОИ АМНИЯТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**25-уми феврали соли 2025 таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Раиси Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи Шурои амнияти кишвар баргузор гардид.**

Дар кори ҷаласа аъзои доимӣ ва аъзои Шурои амният, кормандони дастгоҳи Шурои амният, роҳбарони сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот иштирок намуданд.

Дар ҷаласа вазъи таъмини амну субот, волоияти қонуну тартиботи ҳуқуқӣ, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва таҳкими қудрати дифоии давлат баррасӣ шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулин доир ба таъмини амнияти миллӣ, волоияти қонун, омодагии доимии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар, мубориза бо ҷинояткорӣ ва пешгирӣ аз ҳар гуна ҳодисаҳои нохуш супоришҳои мушаххас доданд.

Таъкид гардид, ки ба баланд бардоштани савияи дониши мутахассисон, аз худ намудани техникаю таҷҳизоту технологияҳои муосир ва истифодаи зеҳни сунъӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда шавад.

Дастуру супоришҳо вобаста ба пешгирӣ аз ҷиноятҳои терроризму экстремистӣ, муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар ва қочоқи он, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ ва мубориза ба онҳо дода шуд.

Оид ба масъалаҳои дар ҷаласаи Шурои амният муҳокимашуда қарорҳои дахлдор қабул гардид.

## СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНӢ

**24-уми феврали соли 2025 бо ташаббуси ҷониби Россия суҳбати телефонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин сурат гирифт.**



Сарони ҳар ду давлат ҷараёни иҷрои тавофуқҳоеро, ки дар пайи сафари Президенти Тоҷикистон ба Россия 24-уми декабри соли 2024 ҳосил шуда буд, дар бахшҳои тиҷоративу иқтисодӣ, энергетикӣ, амниятӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ баррасӣ намуданд.

Ҳамчунин, вазъ ва дурнамои равобити байнидавлатии ҳар ду кишвар, ки ба принсипҳои шарикии стратегӣ ва ҳампаймонӣ асос ёфтааст, мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар ин замина, сарони давлатҳо механизми муқарраршудаи ҳамкориҳои сохторҳои дахлдори ҷонибҳоро барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда, аз ҷумла дар доираи Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Россия оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ, таъкид карданд.

Ҷонибҳо доир ба масъалаҳои мубрами рӯзномаи байналмилалӣ ва масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ низ табодули афкор намуданд.

Суҳбат дар фазои анъанавии дӯстона ва гарму самимӣ ҷараён гирифт.

**www.prezident.tj**

Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар бинои нави парлумони Тоҷикистон, ки яке аз дастовардҳои хуби меъмории даврони соҳибистиқлолии кишвар ба ҳисоб меравад, ироа гардид.**

## ТАҲКИМБАХШИ РУШДИ БОСУБОТ

Дар ибтидои суханронӣ Пешвои миллат иброз доштанд, ки соли 2024 барои Тоҷикистон аз ҳар ҷиҳат соли хубу хотирмон буд. Моҳи ноябри соли сипаригардида мо 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар сатҳи баланд дар фазои сулҳу ваҳдат ва вусъати корҳои ободонию созандагӣ таҷлил намудем. Конститутсия ҳамчун санади муҳими сиёсӣ дар ин муддат тавонист барои рушди муназзами иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мусоидат намояд ва эътибори сиёсии давлатро дар арсаи байналмилалӣ ба маротиб афзояд. Азбаски мардуми мо низ ҳуқуқи зиндагии шоистаро доранд ва ин ҳадафи олии сиёсии давлат ва Ҳукумат аст, тавонистем новобаста ба вазъи сиёсии ҷаҳон амнияти миллӣ ва рушди устувори иқтисоди миллиро таъмин ва сатҳу сифати зиндагии аҳолиро баланд бардорем.

Дар соли 2024 ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар ба зиёда аз 150 миллиард сомонӣ ва суръати рушди воқеии он ба 8,4 фоиз расонида шуд ва ин нишондиҳанда дар 5 соли охир 7,7 фоизро ташкил дод. Дар 5 соли охир барои рушди иқтисодию иҷтимоии давлат аз ҳисоби буҷети давлат ва сармояи дохилию хориҷӣ 197 миллиард сомонӣ равона карда шуд. Ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо саҳмгузории соҳибкорон ва шахсони саховатпешаи кишвар барои иҷрои корҳои ободонӣ 20 миллиард сомонӣ харҷ шуда, дар доираи корҳои ободонӣ ба муносибати ин санаи фархунда дар се соли охир беш аз 1500 иншоот дар соҳаи маориф, тандурустӣ-660, варзиш-480, фарҳангию фароғатӣ-175 ва ҳазорон иншооти истеҳсолию иҷтимоӣ сохта ба истифода дода шуданд. Дар натиҷаи андешидани чораҳои судманд даромади пулии аҳолӣ аз 48 миллиард сомонии соли 2019 ба 147 миллиард сомонӣ дар соли 2024, яъне се баробар зиёд гардид, ки ин аз боло рафтани сатҳи зиндагии аҳолӣ шаҳодат медиҳад.

Бо супориши Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли қаблӣ музди маоши хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни давлатӣ, стипендияҳо 40 фоиз ва андозаи нафақа 30 фоиз зиёд гардида, боиси руҳбаландӣ ва сипосгузории аҳолии кишвар шуд. Ҳамин тавр, вобаста ба пешрафти иқтисодии мамлакат дар давоми чор соли охир музди маош ба андозаи сад фоиз зиёд гардид, ки аз таваҷҷуҳи доимии Сарвари давлат нисбати кормандони соҳаҳои буҷетӣ шаҳодат медиҳад.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## МУШКИЛКУШОИ МИЛЛАТ

### *Илҳом аз ПАЁМ*

*Бар халқ ёд додӣ одоби худшиносӣ,*
*Гуфтӣ ба миллати худ роҳи худошиносӣ.*
*Илму ҳунар бигуфтӣ роҳи наҷоти миллат,*
*Нашнуд ҳар кӣ пандат, бешубҳа ҳаст осӣ.*

*Қадри Ватан ту донӣ, эй раҳкушои миллат,*
*Дар ҷисми мо ту ҷонӣ, мушкилкушои миллат.*

*Тоҷики ноумедро аз чоҳи ғам раҳондӣ,*
*Дар тахти некномон рӯи ҷаҳон шинондӣ.*
*То каҳкашон расондӣ ту обрӯи меҳан,*
*Аз шаҳди бахту иқбол то халқро чашондӣ.*

*Қадри Ватан ту донӣ, эй раҳкушои миллат,*
*Дар ҷисми мо ту ҷонӣ, мушкилкушои миллат.*

*Аз сулҳ ҳарф гуфтӣ бо лаҳни хубу ширин,*
*Аз дӯстиву ваҳдат гуфтӣ сабақ батамкин.*
*Аз доми ноумедӣ додӣ наҷот миллат,*
*Аз чанги худкушиҳо гардидаем эмин.*

*Қадри Ватан ту донӣ, эй раҳкушои миллат,*
*Дар ҷисми мо ту ҷонӣ, мушкилкушои миллат.*

*Имрӯз тоҷики ман бешубҳа бахтиёр аст,*
*Рӯи замин биҳиште ҳар гӯшаи диёр аст.*
*Ҷое расад қудумат, файзу баракат он ҷост,*
*З-ин рӯ диёри тоҷик имрӯз файзбор аст.*

*Қадри Ватан ту донӣ, эй раҳкушои миллат,*
*Дар ҷисми мо ту ҷонӣ, мушкилкушои миллат.*

**Диловари МИРЗО, «Садои мардум»**

## БЕШ АЗ 4000 ИНШООТ БУНЁД ГАРДИД



**Соли 2024 маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ дар вилояти Хатлон ба 42,8 миллиард сомонӣ баробар шуда, суръати рушди соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ 8,3 банди фоизӣ таъмин гардидааст, ки ҳиссаи он дар маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар 27,9 фоизро ташкил медиҳад.**

**Дар ин бора зимни нишасти матбуотӣ раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид иттилоъ дод.**

Гуфта шуд, ки нақшаи қисми даромад бо назардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 104,7 фоиз таъмин гардида, ба буҷет 2,8 миллиард сомонӣ ворид шудааст. Ин нишондод нисбат ба нақша 122 миллион сомонӣ ва нисбат ба соли 2023 ба андозаи 350 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Аз ҷониби ташкилотҳои молиявию қарзӣ ба иқтисодиёти вилоят 5,2 миллиард сомонӣ қарзҳои бонкӣ дода шудааст, ки нисбат ба соли пешин 131 фоиз ё 1,3 миллиард сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Соли 2024 ба вилоят 7,2 миллион доллари амрикоӣ сармояи хориҷӣ ворид гардидааст, ки 4,3 миллион доллари онро сармояи мустақим ташкил медиҳад.

- Дар доираи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ аз 6260 иншооти ҷашнӣ то инҷониб 4068-тои он ба маблағи 3,3 миллиард сомонӣ бунёд шудааст, ки 65 фоизи нақшаи пешбинигардидаро ташкил медиҳад, - гуфт Давлаталӣ Саид.

Раиси вилоят дар идома афзуд, ки соҳаи саноат ҳамеша дар меҳвари таваҷҷуҳ қарор дошта, танҳо дар соли 2024 аз ҷониби соҳибкорон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 89 корхонаву коргоҳи нави саноатӣ бо таъсиси зиёда аз 1000 ҷойи нави корӣ сохта ба истифода дода шуд.

Зикр гардид, ки соли 2024 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 12,5 миллиард сомонӣ расида, нисбат ба соли 2023-юм 903,1 миллион сомонӣ афзудааст.

**С. СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**

## РАВАНДИ ҚАРЗДИҲИИ «АМОНАТБОНК» ТАҶДИД ШУД

**- Соли 2024 сармояи бонк ба 990 млн. сомонӣ расид, ки дар муқоиса ба соли 2023-юм 15 фоиз зиёд аст. Фоидаи софи бонк низ афзуда, 140 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли пешин 8,4 фоиз зиёд аст, - иттилоъ дод зимни нишасти матбуотии Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»» раиси он Алиҷон Салимзода.**




Тавре Алиҷон Салимзода гуфт, амонати шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ 6,9 млрд. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2023-юм 27,5 фоиз бештар аст. Аз он қаноатмандӣ шуд, ки дар давраи мавриди назар пасандозҳои аҳолӣ тамоюли афзоиш касб карда, ба 2,8 млрд. сомонӣ расидааст.

Пешниҳоди қарз ба мизоҷонро шарҳу тавзеҳ дода Алиҷон Салимзода иттилоъ расонд, ки КВД БАҶТ «Амонатбонк» раванди қарздиҳиро таҷдид намуда, ба соҳаҳои афзалиятнок имтиёзҳои гуногун муқаррар кардааст. Ҷанбаи дигари мусбати ин иқдом аз 2 то 4 банди фоизӣ кам шудани меъёри фоизи қарзҳо бо пули миллӣ мебошад. Ҳоло пешниҳоди қарз аз ҷониби ин муассиса аз 10 то 24 фоизи солона бо пули миллӣ ва аз 7 то 12 фоизи солона бо асъори хориҷӣ муайян шудааст. Соли сипаришуда аз ҷониби ин бонк ба 69 ҳазор муштарӣ 2,5 млрд. сомонӣ қарз дода шудааст, ки дар муқоиса ба соли 2023 мутаносибан 31,3 ва 36 фоиз зиёд мебошад.

Дар робита ба маъракаи муҳими сиёсӣ - интихоботи Маҷлиси Олӣ ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ аз Алиҷон Салимзода ҳолати таъсиси хазинаҳои интихоботии номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагон ва ҳизбҳои сиёсиро пурсидем. Бино ба гуфти номбурда, кор дар ин самт муназзам буда, ягон мушкил вуҷуд надорад. Маълум гардид, ки то ин вақт номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ хазинаи интихоботии худро барои маблағгузории интихобот таъсис доданд. Маблағҳои хазинаи мазкур дар суратҳисоби муваққатии махсуси «Амонатбонк» нигоҳ дошта мешаванд.

**Д. АБДУЛЛО, «Садои мардум»**






## АГЕНТӢ 513 МИЛЛИОН СОМОНИРО БАРҚАРОР КАРД

**- Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо каррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024 дар вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, марказҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва дигар муассисаҳои буҷетӣ 484 тафтишу санҷиш гузаронида, ба маблағи умумии 425, 7 миллион сомонӣ зарари молиявӣ ошкор намуд. Тавассути чораҳои андешидашуда аз маблағҳои ошкоршудаи зарар 411,9 миллион сомонӣ ба манфиати давлат барқарор карда шудааст, - иттилоъ дод директори агентӣ Сулаймон Султонзода зимни нишасти матбуотӣ.**

Зикр шуд, ки аз ҳисоби таъини ҷаримаҳои маъмурӣ ва корҳои таҳқиқу тафтишотӣ ба буҷети давлат 87,9 миллион сомонӣ барқарор шудааст. Ҳамин тариқ, дар соли 2024 агентӣ дар ҳамаи самтҳои фаъолият 513 миллион сомонӣ ба давлат барқарор намудааст, ки 384 миллион сомонии он ба суратҳисобҳои буҷетӣ ва 115,8 миллион сомонӣ ба фоидаи ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ва шаҳрвандон мебошад.

Дар ин давра воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи агентӣ 2323 ҷинояти коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва дигар ҷиноятҳои ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вобастаро нисбати 1180 нафар ошкор, тафтиши пешакии 728 парвандаи ҷиноятиро нисбати 948 нафар ба итмом расонида ва бо тасдиқи фикри айбдоркунӣ ба судҳо ирсол намудаанд.

Иттилоъ дода шуд, ки дар давраи ҳисоботӣ баррасии саривақтии 3279 муроҷиати шахсони воқеию ҳуқуқӣ таъмин гардидааст, ки бо 1651 адади он талаботи арзкунандагон қонеъ ва бо 1403 муроҷиат қарорҳои дахлдори қонунӣ қабул карда шуда, 169 муроҷиат бо сабаби бе ном буданашон мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст.

**Ф. АБДУЛҲАКИМОВА, «Садои мардум»**

## ВАҲДАТ. 10 КОРХОНАИ НАВ ИФТИТОҲ ШУД

**Дар нишасти матбуотӣ раиси шаҳри Ваҳдат Мирзо Исмоилзода изҳор дошт, ки бо мақсади иҷрои ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръати кишвар чораю тадбирҳои зарурӣ андешида шуд, ки дар натиҷа ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ нисбат ба соли 2023 ба андозаи 15,4 фоиз ё ба маблағи 192,5 миллион сомонӣ зиёд гардида, дар маҷмуъ, 1 миллиарду 444 миллион сомониро ташкил додааст.**



Дар ин давра дар ҳудуди шаҳр 10 корхонаю коргоҳи саноатии истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ, мебел, маҳлули шустушӯӣ, ячейкаҳо барои тухм ва зарфҳои пластикӣ бунёд ва ба истифода дода шуданд.

Дар ҳамаи бахшҳои хоҷагидории шаҳр ба маблағи 627 миллиону 273 ҳазор сомонӣ маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли пешин 33 миллиону 357 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Дар нишаст намояндагони воситаҳои ахбори омма перомуни дастовардҳои истеҳсолию иқтисодӣ, сохтмони иншоот, танбашавии нақлиёт дар роҳҳои маркази шаҳр, бенизомӣ дар нақлиёти мусофиркашонӣ, мушкилиҳо дар таъмини барқ ва оби ошомиданӣ суолҳо пешниҳод карданд. Раиси шаҳр барои дар кӯтоҳтарин мӯҳлат бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта ба масъулон супоришҳои қатъӣ дод.

**З. МУҲАММАД, «Садои мардум»**



## МУЪМИНОБОД. ҲАҶМИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ АЗ 1,3 МЛРД. СОМОНӢ ГУЗАШТ

**Соли 2024 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳама бахшҳои хоҷагидории ноҳияи Муъминобод ба 1 млрд. 309 миллиону 215 ҳазору 200 сомонӣ расонида шуд, ки ин нисбат ба соли 2023-юм 107 миллиону 515 ҳазору 200 сомонӣ зиёд буда, 108,9 фоизи нақшаро ташкил медиҳад.**

Дар ин хусус зимни нишасти матбуотӣ раиси ноҳияи Муъминобод Сайвалӣ Амирзода хабар дод.

Ҳамчунин, изҳор гардид, ки кишоварзони ноҳия соли сипаришуда дар майдони 10 ҳазору 919 гектар ғалладона, зироати техникӣ - 933, картошка - 987, сабзавот - 713 ва дар майдони 193 гектар полезӣ кишт намуда, дар майдони 6889 гектар кишти тирамоҳӣ анҷом доданд.

Алҳол дар ноҳия 3064 гектар боғ ва 590 гектар токзор мавҷуд буда, дар давраи ҳисоботӣ 14 ҳазору 152 тонна мева ва 4 ҳазору 92 тонна ангур истеҳсол шудааст.

Гуфта шуд, ки соли 2024 аз мавзеъҳои сайёҳии ноҳия, махсусан Чилдухтарон, 110 ҳазору 334 нафар сайёҳон дидан намуданд, ки 2831 нафарашонро сайёҳони хориҷӣ ташкил медиҳанд.

Соли 2024 аз ҳисоби соҳибкорон дар болои сойи Хоҷаҳақиқи ноҳия пули мошингузар ба дарозии 20 ва паҳноии 8 метр сохта мавриди истифода қарор дода шуд. Инчунин, дар шаҳраки Чорсӯ, деҳаҳои Чашмасорон, Деҳибаланд, Боғгаӣ, Тутиён ва деҳоти Чилдухтарон, дар маҷмуъ, 86,4 км роҳҳои маҳаллӣ ба маблағи 2 миллиону 748 ҳазор сомонӣ таъмиру сангфарш гардиданд.

**И. РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**

## РУШДИ САНОАТУ КИШОВАРЗӢ ХУШҲОЛКУНАНДА АСТ

**Соли 2024 нақшаи даромади буҷет дар шаҳри Турсунзода бо назардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 100,6 фоиз иҷро гардида, ҳаҷми истеҳсоли мол, кор ва хизматрасонӣ ба 6 миллиарду 796,9 миллион сомонӣ расонида шуд. Дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 63,2 ва кишоварзӣ 21,1 фоиз афзоиш ёфтааст. Дар ин бора раиси шаҳр Парвиз Акрамзода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.**

Тибқи гуфтаи ӯ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 1 миллиарду 830 миллион сомонӣ баробар шуда, кишоварзон бошанд, дар таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат саҳми арзанда гузошта, ба маблағи 2 миллиарду 469, 3 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол карданд, ки нисбат ба соли пешин 430,9 миллион сомонӣ зиёд аст.

Парвиз Акрамзода дастоварди кишоварзонро назаррас арзёбӣ карда афзуд, ки дар ин давра истеҳсоли ғалладонагӣ ба 78546 тонна, картошка - 12518, сабзавот -156768, мева - 5962, ангур - 46826, гӯшт – 6954 ва шир ба 26616 тонна расонида шуд.

Майдони умумии гармхонаҳои доимӣ 39,34 гектарро ташкил медиҳад, ки кишоварзон дар онҳо помидор, бодиринг, қаламфури булғорӣ, боимҷон, гулкарам ва дигар зироатҳоро кишт менамоянд.



Барои беталаф нигоҳ доштани меваю сабзавот 78 сардхона ва 4 анборхона мавҷуд аст, ки миқдори ғунҷоиши маҳсулот дар онҳо 25299 тоннаро ташкил медиҳад. Дар сардхонаҳо 1035 тонна сабзӣ, 164 тонна ангур ва 120 тонна мева захира карда шудааст, ки ҳамарӯза ба бозорҳои пойтахт ва шаҳру ноҳияҳои атроф ба фурӯш бароварда мешавад.

**М. ЗОКИР, «Садои мардум»**

## ХАТМКУНАНДАГОН СОҲИБИ ДИПЛОМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ МЕШАВАНД



**Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе ба хатмкунандагон дипломи байналмилалӣ медиҳад, ки он аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, ба монанди Фаронса, Британияи Кабир, Австралия ва Амрико, эътироф мегардад. Ин нуктаро зимни нишасти матбуотӣ ректори филиали мазкур Зайниддин Мухторов зикр кард.**

Бино ба гуфти ӯ, шурӯъ аз соли таҳсили 2023-2024 ба зинаи бакалаври филиал 25 нафар ва магистратура 16 нафар донишҷӯ қабул шуданд.

Филиал дар соли таҳсили 2024 барои таъсиси ихтисосҳои ба талаботи замон мувофиқ, аз ҷумла «Менеҷменти бизнес ва молия», «Менеҷменти маркетинг», «Киберамният», «Технологияи иттилоотӣ», «Мудирияти туризми байналмилалӣ», аз Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳиби иҷозатнома гардидааст.

Иттилоъ гирифтем, ки аз ҳисоби донишҷӯёни соли аввали таҳсили зинаи бакалавр 13 нафар бо дастгирии молиявии ҶДММ «Авесто Гурӯҳ», Иттиҳоди корхонаи хусусии «Коиноти нав», ҶСК «Тоҷикгидроэлектромонтаж» ва ҶСП «Tcell» ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Ин донишҷӯён пас аз хатм дар корхонаҳои мазкур ба кор ҷалб мешаванд.

**М. СОЛИҲЗОДА, «Садои мардум»**

## ПАЖӮҲИШИ ҶАШНҲОИ МИЛЛӢ БЕҲБУДӢ МЕХОҲАД



**Ба сохтори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 воҳиди нави корӣ илова гардид. Дар ин замина, 4 шуъба ва 3 бахш таъсис ёфта, имкон фароҳам шуд, ки фаъолият ба марҳилаи сифатан нав ворид гардад. Дар ин бобат зимни нишасти матбуотӣ раиси комиссияи мазкур Сайфиддин Давлатзода иттилоъ дод.**

Маълум гардид, ки соли 2024 бо мақсади мусоид намудани вазъ дар соҳа самтҳои санъат ва варзиш барҳам дода шуд ва дар заминаи шуроҳои экспертии илмҳои таърих, мардумшиносӣ, бостоншиносӣ шурои таърих, фарҳангшиносӣ ва санъат таъсис ёфтанд. Зикр шуд, ки ҳоло дар ҷумҳурӣ 19 шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия аз рӯйи 46 ихтисос фаъолият доранд.

Дар қиёс ба соли 2023 рисолаҳои илмӣ 445 адад зиёд тасдиқ шудааст. Ин масъаларо шарҳ дода Сайфиддин Давлатзода гуфт, ки дар давраи мавриди назар 688 парванда тасдиқ шудааст, ки аз ин теъдод 62 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм, 533 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва 93 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос мебошанд. Алҳол дар ҷумҳурӣ 6250 нафар дорои дараҷаи илмӣ буда, 950 доктори илм, 5088 номзади илм ва 212 доктори фалсафа (PhD) мебошанд.

Иттилоъ гирифтем, ки аз ибтидои фаъолият ба комиссия 1182 дархост, аз ҷумла 130 дархост барои дарёфти унвони илмии профессор ва 1052 дархост барои дарёфти унвони илмии дотсент, ворид шудааст.

Корманди рӯзнома дар бобати аз назари муҳаққиқон то андозае дур мондани ҷашнҳои миллӣ, аз ҷумла Сада, Тиргон ва Меҳргон, савол матраҳ намуд. Сайфиддин Давлатзода эътироф кард, ки ин ҷашнҳо таври густурда дар доираи рисолаҳои илмӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд. Таъкид гардид, ки бо назардошти омилҳои марбут ба ҷаҳонишавӣ пажӯҳиши онҳо беҳбудиро тақозо дорад.

**Д. АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

# ТАҲКИМБАХШИ РУШДИ БОСУБОТ

(Идома аз саҳ. 1)

Дар Паёми навбатӣ низ аз моҳи сентябри соли 2025 баланд гардидани музди маоши вазифавии кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, томактабӣ 30 фоиз ва дигар муассисаҳои соҳаи маориф, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ ва дигар кормандони ин мақомот 20 фоиз, нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ 10 фоиз ба нақша гирифта шудааст, ки аз пешрафти иқтисодии мамлакат ва беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ дарак медиҳад. Илова бар ин, дар соли 2025 ҳадди ақали музди маош дар тамоми соҳаҳо на кам аз 1000 сомонӣ пешбинӣ шудааст.



Дар муқоиса бо зиёдшавии музди маош дар панҷ соли охир сатҳи таваррум ё баландшавии нархи маводи истеъмолӣ ҳамагӣ 29 фоизро ташкил медиҳад. Ба нақша гирифта шудааст, ки дар сурати таъмини саривақтию босифати барномаю нақшаҳои қабулгардида рушди иқтисодии кишвар дар соли 2025 на кам аз 8 фоиз афзоиш дода шавад. Инчунин, тибқи нақша барои истифодаи васеи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ, ташаккули «иқтисоди сабз» тадбирҳои мушаххас андешида мешавад.

Пешвои миллат ба масъулон дастур доданд, ки соли 2025 оид ба идоракунии самараноки иқтидорҳои мавҷуда, ташкили корхонаҳои хурду бузурги истеҳсолӣ, зиёд намудани ҷойҳои корӣ, баланд бардоштани рақобати маҳсулоти ватанӣ эътибори ҷиддӣ диҳанд. Вазорати рушди иқтисод ва савдо супориш гирифт, ки дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ то охири соли 2025 лоиҳаи «Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2026-2030»-ро таҳия ва ба Ҳукумати кишвар пешниҳод намояд.

Дар ҷумҳурӣ минбаъд ба баланд бардоштани маърифати молиявӣ ва андозсупории шаҳрвандон ҳамчун омили асосии татбиқи сиёсати андозу буҷет эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Вобаста ба ин, бояд ба масъалаи истифодаи технологияи муосири рақамӣ чораандешӣ намуда, то охири соли 2025 дар соҳаи буҷет ва хизматрасониҳои давлатӣ он татбиқ карда шавад. Эълон гардидани солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» ва дар заминаи Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионии шаҳри Кӯлоб таъсис додани Донишкадаи инноватсия ва технологияи рақамӣ муҳаррики татбиқкунандаи ин дастурҳои Пешвои миллат хоҳанд буд.

Рақамҳо бозгӯи пешрафтанд. Дар 5 соли охир ҳаҷми маҳсулоти саноатии кишвар аз 27 миллиард сомонӣ ба 53 миллиард сомонӣ расида, шумораи корхонаҳои саноатӣ 2040 адад афзуд ва 74 ҳазор ҷойи нави корӣ таъсис дода шуд. Дастгирии соҳибкорон, пешгирии монеаҳо ба фаъолияти онҳо ба хотири рушди иқтисод, саноат ва ободонии Ватан иқдоми навбатии Пешвои миллат аст. Бо ин мақсад санҷишҳо кам гардида, то 1-уми январи соли 2027 мораторий эълон карда шуд.

Рушди соҳаи энергетика низ дар мадди назари Ҳукумати кишвар буда, вобаста ба ин санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ такмил дода мешаванд. Таъмиру навсозии неругоҳҳои барқи обии «Норак» ва «Қайроққум» иқтидори энергетикии мамлакатро афзуда, вусъати кор дар НБО «Роғун» дар рушди «энергияи сабз» ва барҳам додани маҳдудияти барқ аз соли 2027 мушкилоти аҳолиро вобаста ба камбудии барқ бартараф менамояд.

Тоҷикистон кишвари ободу зебо ва сайёҳӣ гардидааст. Бинобар ин, ба ободонии роҳҳо ва инфрасохтори сайёҳӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад. Ҳамин тадбирандешиҳо мусоидат намуданд, ки вуруди сайёҳон дар соли 2020-ум 12 фоиз афзуда, ба 1 миллиону 400 ҳазор нафар расидааст.

Дар Паём чун ҳамеша таваҷҷуҳ ба рушди кишоварзӣ, таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат бештар аст, зеро вазъи сиёсии имрӯзаи ҷаҳон водор менамояд, ки истифодаи босамари ҳар порча замин, се-чор ҳосил гирифтан ва захираи камаш дусолаи хӯрокворӣ бояд зери таваҷҷуҳи ҳамагон қарор дошта бошад. Мақсад аз рушди соҳаи кишоварзии кишвар таъмини талаботи дохилӣ, танзими нарх дар бозор ва даромад гирифтан аст.

Дар сиёсати давлатии мо рушди соҳаи маориф мавқеи устувор дорад. Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар дар мамлакат 3670 муассисаи нави таҳсилоти миёнаи умумӣ, 262 муассисаи томактабӣ ва 35 муассисаи таҳсилоти олӣ сохта ба истифода дода шудааст. Ҳоло 42 400 нафар ҷавонони мо дар 42 донишгоҳи давлатҳои ҷаҳон таҳсили илм дошта, аз ин шумора 13000 нафар ё 30 фоизро духтарон ташкил медиҳанд. Бинобар зарурат дастур дода шуд, ки дар панҷ соли оянда бо истифода аз ҳама сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва бо назардошти ҳалли мушкилоти соҳа барои фарогирии 50 фоизи кӯдакони синни томактабӣ 800 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва беш аз 1000 муассисаи таҳсилоти умумӣ сохта ба истифода дода шавад. Дар ҳар як маҳали аҳолинишин, ки 100 оила умр ба сар мебарад, бояд як муассисаи томактабӣ сохта ба истифода дода шавад. Вобаста ба ин, ғамхориҳо бояд ба сифати таълим, забономӯзии шогирдон, омода кардани мутахассисони варзида эътибори ҷиддӣ дода шавад, зеро дар шароити имрӯза маҳорату малакаи касбӣ, ихтисосмандӣ ва забондонӣ барои рушди ҳама соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар хеле зарур мебошад. Пешвои миллат таъкид доштанд, ки омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои томактабӣ ба роҳ монда шавад ва ба масъулини соҳа дастур дода шуд, ки барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсиро бозбинӣ намоянд.

Фарҳанг, барҳақ, ҳастию эътибори миллат аст. Ҳар як миллатро бо фарҳангу таърихи гузашта ва фарзандони некаш мешиносанд. Бинобар ин, таваҷҷуҳи Пешвои миллат ба фарҳанг доимӣ мебошад. Ҳоло барои мардум 18 театр, 50 қасри фарҳанг,14 мактаби санъат, 126 китобхона, 61 боғи фарҳангу фароғатӣ ва 20 осорхона хизмат мерасонад. Танҳо дар се соли охир 167 иншооти фарҳангу фароғатӣ бунёду навсозӣ гардида, барқарорсозии 14 иншооти фарҳангӣ идома дорад. Пешвои миллат аз фаъолияти Китобхонаи миллӣ ва таъмиру навсозии садҳо ёдгории таърихӣ мисол оварда, шахсони масъулро вазифадор намуданд, ки ба рушди фарҳанг эътибори ҷиддӣ диҳанд ва мушкилоти соҳаро то Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бартараф намоянд. Ба таъкиди Сарвари давлат, фарҳанги миллӣ ки заиф шуд, ҷояшро фарҳанги бегона мегирад. Дар ин радиф роҳбарони шаҳру ноҳияҳо дастур гирифтанд, ки дар маркази ҳар як шаҳру ноҳия барои дарёфт ва рушди истеъдодҳои ҷавон мактаби мусиқӣ сохта ба истифода дода шавад.

Баланд бардоштани савияи дониш, маърифатнокӣ ва иштирок дар озмунҳо, дарёфти истеъдодҳо, ихтироъкорон, санъаткорони болаёқат, муаррифии фарҳангу маънавиёт ҷузъи ҷомеаи мо буда, таблиғи он бояд вазифаи ҷавҳарии муассисаи таълимӣ, волидайн ва аҳли ҷомеа бошад. Озмунҳои аз ҷониби Пешвои миллат таъсисшуда исботи ин гуфтаҳо мебошанд. Танҳо дар шаш соли охир дар Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон - Ватани азизи ман» 500 нафар соҳиби ҷойи якум, дуюм ва сеюм ва дар озмунҳои «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва «Илм - фурӯғи маърифат» қариб ҳазор нафар соҳиби шоҳҷоиза, ҷойҳои намунавӣ ва ҷоизаҳои пулӣ гардиданд.

Ба таъкиди Пешвои миллат ҷавонон қишри фаъолтарини ҷомеа, идомадиҳандаи иқдомҳои неки насли калонсол ва ояндаи давлату миллат мебошанд. Бинобар ин, дар ҷаҳони ҳассоси имрӯза ҷавонон бояд баҳри ҳифзи истиқлолу озодии сарзамини аҷдодӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ҳамеша омода бошанд. Худ ва ҳамсолонашонро аз таъсири мафкураи радикаливу ифротӣ ва хурофотпарастӣ эмин доранд. Илму донишҳои замонавӣ, касбу ҳунарҳои муосирро аз худ намуда, дар рушди илму инноватсия ва таҳкими нуфузи байналмилалии давлатамон ба харҷ диҳанд. Хурофот ҷаҳолат аст ва ҷаҳолат ба ҷомеа бадбахтӣ меорад.

Пешвои миллат бори дигар мавқеи зан дар ҷомеаро зикр намуда, эҳтироми зан-модарро як ҷузъи фарҳангу тамаддуни миллати тоҷик номиданд. Мақому манзалат, қадру қимати зан-модар дар ҷомеаи имрӯзаи мо баланд буда, дар даврони соҳибистиқлолии кишвар саҳми онҳо дар рушди ҷомеа, корҳои ободонию созандагӣ боиси ифтихор аст. Сарвари давлат ёдовар шуданд, ки айни замон 25 фоиз занон дар хизмати давлатӣ, 73 фоиз дар соҳаи маориф, 71 фоиз дар соҳаи тиб, 47 фоиз дар соҳаи фарҳанг ба кору фаъолияти ибратбахш машғуланд. 37 фоизи олимон ва 30 фоизи соҳибкоронро занон ташкил медиҳанд. Дар замони соҳибистиқлолии кишвар 280 ҳазор нафар духтарон соҳиби маълумоти олӣ гардиданд. Дар 28 соли охир 11600 нафар тибқи Квотаи президентӣ соҳиби таҳсилоти олӣ шуданд ва илова бар он 35 000 нафар духтарону бонувон муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои хориҷиро хатм намуда, соҳибмаълумот гардиданд. Ҳоло аз 214 000 нафар донишҷӯи муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар 90 000 ё ин ки 42 фоизро духтар ташкил медиҳанд.

Ҷавҳари Паёми Пешвои миллатро ҳувияти миллӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ ташкил медиҳад. Дар ҳама давру замон одобу хирад дар зиндагӣ мақоми арзанда дорад. Дӯст доштани Ватан, садоқат ба Меҳан, хизмат ба Тоҷикистони азиз бояд қарзи имониву виҷдонии ҳар яки мо бошад. Дар зиндагӣ эҳтироми инсонӣ бояд дар ҷойи аввал қарор гирад. Дар шароити имрӯза меҳрубон будан, дастгирии ҳамдигар, аз ҳолу аҳволи ҳамдигар бохабар будан беҳтарин хислатҳои инсонӣ аст. Пешвои миллат бо эҳсос ва меҳрубонона фаҳмониданд, ки хабаргирии бемор, аз ҷумла наздикон, беҳтар аз сад сӯзандоруи табиб аст.

Бо ин тартиб, ҳама нуктаҳои Паём хеле муҳиму саривақтӣ буданд ва дар маҷмуъ, дарси адабу илҳомбахши рушди фардои кишваранд. Паём дастур, раҳнамо ва нақшаи фаъолият барои ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ дар соли равон ва минбаъда буда, мо - масъулонро водор менамояд, ки дар фаъолияти худ аз ҳидоятҳои Пешвои миллат самаранок истифода бурда, бо татбиқи ҳадафҳои созанда дар ободии Ватан ба муносибати Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми арзанда гузорем.

**Мурод ШУКУРЗОДА, узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини раиси шаҳри Панҷакент**

## *Дар куҷо таҳсил ва кадом ихтисосро бояд интихоб намуд?*






# МАРҲАБО БА ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ!



**РАҲМОН Дилшод Сафарбек,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,**
**ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб**
**ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

**ДОВТАЛАБОНИ ГИРОМӢ!**

